# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Бозоров Хушвахт таҳти унвони «Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)**

Самаранок ба роҳ мондани ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълиму тарбия барои ноил гардидан ба дониш, маҳорат ва малакаи зарурӣ марбут ба тарбияи миллӣ, фарҳангӣ ва расидан ба мақсадҳои олии таълиму тарбия заминаи устувор мегузорад.

Ҷалби хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба рушди зеҳнии забон ва нутқи хаттию шифоҳии онҳо нақши муҳим бозида, асос мегузорад.

Тахкикоти диссертатсионии Бозоров Х. ба яке аз масъалахои нихоят мухимми асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст.

Дар муқаддимаи рисола сухан дар бораи мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методи таҳқиқ, навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявии тадкиқот, моҳияти амалии тадкиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи тадкиқот, нуктаҳои муҳими рисола, коркард ва татбиқи натиҷаҳои тадкиқот ва сохтори рисола меравад.

Дар боби якум «Рушди ақидаи ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони хурдсол дар таҳқиқоти равоншиносию педагогӣ» зикр гардид, ки ҳар як фанни таълим дар

муассисаҳои таҳсилот, бахусус, синфҳои ибтидоӣ душвориҳои махсуси худро дорад. Аз ин ҷост, ки ба ҳар як омӯзгор лозим аст, ки илова ба методҳои тахассусӣ методҳои умумии фанҳои гуногунро низ хуб донад, чунки донистани роҳу усули гуногун ба омӯзгор имконият медиҳад, ки барои аз худ намудани донишҳо ва дар ҳаёт татбиқ намудани онҳо саҳмгузор бошад. Таълим ҳамон вақт самарабаш мешавад, ки фаъолияти мустақилона дар робитаи мутақобилаи байни омӯзгор ва хонанда қарор дошта бошад.

Дар рисола қабл ба таҳлили истилоҳи «салоҳият» (ба русӣ компетенция) таваҷҷӯх ба он чун «як навъ зуҳури нави ботинӣ, имконоти захиравӣ ва ниҳонию равонии шахсият, тасаввурот, барномаҳо, амалҳо, низоми арзишҳо ва муносибат аст ва дар тавонмандӣ ва салоҳиятмандии одам" арзёбӣ шудааст.

Дар боби дуюм "Фаъолияти мустақилонаи таълимӣ омили ҳалкунандаи рушди зеҳнию нуткии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар мшғулиятҳои забони модарӣ" мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар раванди таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар рушди тафаккури мустақилонаи омӯзишии хонандагон дар ҷараёни амалҳо, бозиҳои гунгуни зеҳнӣ, хаёлӣ ва дидактикӣ, тавассути бедории бомароми фикр ва тафаккури мустақилона инкишоф меёбад.

Мақсади асосии методи шахсмарказ ташаккули механизми дар амал татбиқ кардани дониш, малака ва маҳорати худ, диққат додан ба раванди инкишофи шахсӣ, мутобиқ гардидан ба шароитҳои нав ва ношинос, худмуҳофизатӣ, худтарбиятдиҳӣ ва дигар хусусиятҳое мебошад, ки барои ташаккули шахсият заруранд.

Фаслу бобҳои фишурдаи рисола аз лиҳози мазмуну муҳтаво ҳамдигарро такмил дода, қисмати хулоса бардоштҳои илмию методии муаллифро аз омӯзиши мавзуъ фаро мегирад. Аз мутолиаи автореферати

диссертатсия бармеояд, ки он бо сабки хуби илмӣ иншо шуда, муаллиф ба вазифаҳои дар назди худ гузошта комёб гардидааст.

Диссертатсияи илмии Бозоров Хушвахт дар мавзӯи «Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ» таҳқиқоти комилан анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии илмӣ таълиф шудааст. Диссертатсия бо мухиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ) мебошад

Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи
ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич

Имзои Ф.М. Турсуновро
тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Халифаев Ф.Н.

**Нишонӣ:** 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода»
Тел.: +992 372325000, Факс: +992 372325003,Сомона: www.ddzt.tj
Тел (мобилӣ:+992927210671
E:mail: fayzbakhsh@rambler.ru

16. 12. 24